# Тақризи

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи “Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Яке аз хусусиятҳои хоси истиқлолияти давлатии тоҷикон дар он аст, ки рӯй овардан ба таърихи гузаштаи миллати худ, эҳё ва омӯзиши ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ ҳарчӣ бештар вусъат ёфта истодааст. Аз ин рӯ, ин раванд аз як тараф, барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии миллати тоҷик аҳаммияти бузурги илмиро доро бошад, аз тарафи дигар, барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихи Тоҷикистони муосир, омӯзиши минтақа ва навоҳии алоҳидаи он хеле муҳиму саривақтӣ буда, аҳаммияти бузурги таърихӣ-кишваршиносӣ дорад.

Диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи “Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)” яке аз чунин тадқиқотҳои илмии даврони истиқлолият ба шумор рафта, аҳаммияти калони илмиро доро аст. Барои дарки илмии равандҳо ва падидаҳои мусбию манфии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ, омӯзиши фаъолияти истеҳсолӣ, ҳолат ва дурнамои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаҳо ва ноҳияҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ аз масоили ниҳоят муҳим ва рӯзмарра мебошад.

Тадқиқоти илмии мазкур мубрамии худро дорад, зеро то имрӯз доир ба ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият таҳқиқоти илмии хосса навишта нашудааст ва муҳимтар аз ҳама, он аҳамияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дорад.

Омӯхтани мавзуи фаъолияти ҷамъиятию сиёсии шаҳрвандон, иштироки онҳо дар ҳалли мушкилоти мавҷудаи водии Рашт низ аз мубрамии мавзуъ гувоҳӣ медиҳад.

Моҳияти баррасии мавзуъ дар он аст, ки сабабҳои пастравии ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва бахусус водии Рашт дар охири асри XX – аввали асри XXI муайян карда шавад.

Таҳқиқи назариявии муаллифро сарчашмаҳои зиёде, ки аз Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, бойгониҳои ҷории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, бойгониҳои ҷории Мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ дар ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод, Нуробод, Сангвор, Лахш дастрас гардидаанд, ташкил медиҳад.

Аз бойгониҳои мазкур нахустсарчашмаҳо, хосатан ҳисоботу хулоса, қарору фармонҳо, лоиҳа ва дигар маводҳо истифода шудаанд, ки қисми бештараш бори аввал ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Ғайр аз ин, пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқоти диссертатсиониро санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва стратегиву барномаҳои давлатӣ, матбуоти даврӣ, сарчашмаҳои интернетӣ ташкил медиҳанд. Пойгоҳи васеи сарчашмаҳо ба муаллиф имкон додааст, ки муаммоҳои дар наздаш гузоштаро ҳаматарафа ва возеҳ ба риштаи таҳлил кашад.

Боиси зикр аст, ки ин рисолаи таҳқиқотӣ дар чаҳорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзӯи "Таърихи халқи тоҷик, қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои хоси раванди таърихӣ (давраи муосир)" омода гардидааст.

Диссертатсияи пешниҳодшуда аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёту феҳристи ихтисораҳо иборат мебошад.

Мубрамият ва интихоби мавзуъ, дарачаи коркарди он, мақсад ва вазифаҳо, объект, доираи чуғрофӣ ва чаҳорчӯбаи хронологӣ, методологияи таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқаддима ба дарачаи кофӣ муайян ва асоснок карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия – **"Вазъи ичтимоӣ-иқтисодии водии Рашт дар солҳои истиқлолият (1991-2021)"** ном дошта, аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал – **"Вазъи саноат: мушкилот ва дурнамо"**, муаллиф, вазъи саноати навоҳии водии Раштро дар доираи саноати чумҳурӣ таҳқиқ намудааст. Зеро, аз чумла диссертант низ инро дуруст қайд менамояд, вазъи саноати водии Раштро бе равандҳо, монеаҳои вазъи саноати чумҳурӣ ва сиёсати ҳукумати мамлакат наметавон дар ин марҳала объективона таҳқиқ намуд.

Вазъи саноати ноҳияҳои Рашт, Лахш, Нуробод, Точикобод ва Сангвор дар зербоби мазкур ба риштаи таҳлил кашида шуда, инчунин мушкилот ва чораандешии ояндабинона аз доираи илмии муаллиф дур намондааст.

Хулосаи муаллиф дар ин зербоб дар он аст, ки истифодаи самараноки захираҳои мавчуда ва дар ин замина ба роҳ мондани бунёди корхонаҳои хурду миёна метавонад ба таъсиси чойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми ин минтақа ва ғанӣ гардонидани қисми даромади бучети ноҳияҳои водии Рашт заминаи устувор гузорад.

Дар зербоби дуввуми боби аввал – **"Ҳолати кишоварзӣ: таназзул ва азнавсозии он"** доир ба марҳалаҳои харобшавӣ ва камшавии заминҳои кишоварзӣ, барқарорсозии заминҳои кишоварзӣ, азхудкунӣ ва афзоиши заминҳои кишоварзӣ дар водии Рашт маълумотҳо оварда шудааст.

Диссертант масъалаи мазкурро ҳаматарафа омӯхта, ҳолати заминҳои кишоварзии навоҳиҳои водии Раштро бо таҳлили нишондодҳои оморӣ асоснок намуда, ба се давра тақсим менамояд:

1. Марҳалаи харобшавӣ ва камшавии заминҳои кишоварзӣ (солҳои 1991-2000).

2. Марҳалаи барқарорсозии заминҳои кишоварзӣ (солҳои 2001-2008).

3. Марҳалаи азхудкунӣ ва афзоиши заминҳои кишоварзӣ (солҳои 2009-2021).

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки дар соҳаи кишоварзии минтақаи Рашт истеҳсоли ғалла ва картошка мақоми асосиро ишғол менамояд, зеро иқлими он барои парвариши ин маҳсулот мусоид аст. Шароити ҷуғрофии минтақаи Рашт барои рушди чорводорӣ низ мусоид мебошад. Ин далелҳои худро диссертант бо факту рақамҳои мушаххас асоснок кардааст.

Дар маркази диққати муаллиф гузариш ба шакли нави муносибатҳои иқтисодӣ ва ташкил намудани шаклҳои нави хоҷагидорӣ, хусусигардонии амвол ва дар ин замина бавуҷуд омадани тағйироти куллӣ дар соҳаи кишоварзӣ меистад.

Яке аз дастовардҳои диссертант дар он аст, ки ӯ раванди афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро бо нишондодҳои оморӣ мушахасан таҳлил намуда, дар ҷадвалҳо нишон дода тавонистааст.

Диссертант дар ин зербоб дар асоси таҳлили ретроспективӣ, муқоисаи воқеъбинона ва холисона, ҳодисаҳои қиёсшавандаи таърихӣ, саҳеҳ ва боисрор камбудӣ ва хатогиҳоро дар рафти ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ нишон дода, қайд менамояд, ки дар рафти барҳамдиҳии ташкилоту корхонаҳои Шӯравӣ ғорати моликияти давлатӣ, ғасби заминҳо, ба дасти ашхоси сарватманд гузаштани замин, роҳ додан ба омилҳои коррупсионӣ дар рафти тақсими замин барин масъалаҳо як чизи маъмулӣ буданд.

Яке аз хулосаҳои муаллиф дар ин зербоб аз он иборат аст, ки ислоҳоти гузаронидашуда дар соҳаи кишоварзӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ озодии интихоби истеҳсол ва фурӯши зироатҳои кишоварзиро дод.

Дар зербоби сеюми боби аввал – “**Соҳаи тандурустӣ ва хизматрасонии тиббӣ**” маводҳои ҷолиби диққат ҷамъ оварда, доир ба соҳаи тандурустӣ ва хизматрасониҳои тиббӣ дар минтақаи Рашт аз замони аввали соҳибистиқлолӣ то давраи ҳозира ба таври васеъ маълумот дода шудааст.

Диссертант вазъи соҳаи тандурустӣ ва хизматрасонии тиббиро дар минтақаи Рашт ҳаматарафа таҳлил намуда, зикр менамояд, ки бо пошхӯрии ИҶШС ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ, дар баробари дигар соҳаҳои хоҷагии халқ, соҳаи тандурустии мамлакат ба мушкилоти ҷиддӣ мувоҷеҳ шуд.

Баъди ба имзо расидани “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон” дар рушди соҳаи тандурустии водии Рашт марҳалаи нав оғоз гардид. Дар ин давра, бо таваҷҷуҳи хосаи Ҳукумати Тоҷикистон дар раванди амалишавии ислоҳоти соҳа садҳо муассисаҳои наву замонавии муҷаҳҳаз бо афзори муосир ба хизмати мардум барои истифода дода шуданд.

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки новобаста аз иқдомҳои номбурда, норасоии кадрӣ мушкилоти асосии соҳаи тандурустии навоҳии водии Рашт буда, имрӯзҳо низ, норасоии шумораи табибони баландихтисос дар минтақа бештар ба чашм мерасад.

Диссертант таъкид менамояд, ки дар навоҳии водии Рашт барои ҳалли масъалаҳои солимии аҳолӣ иштироки ҷомеа қариб ба назар намерасад ва ташаббусҳои аҳолӣ оид ба беҳтар намудани вазъи санитарию гигиенӣ начандон хуб зоҳир мегарданд. Фаҳмиши аҳолӣ вобаста ба пешбурди тарзи ҳаёти солим дар сатҳи бениҳоят паст қарор дорад.

Боби дуюми рисола “**Ҳаёти фарҳангии водии Рашт дар солҳои истиқлолият**” аз се зербоб иборат аст. Дар ин боб вазъ ва ҳолати фарҳангу маориф, фаъолияти муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ ва нақши онҳо дар боло бурдани фарҳанги аҳолӣ, соҳаи сайёҳӣ, рушд, мушкилот ва дурнамои он мавриди баррасӣ ва таҳлилу хулосабарориҳо қарор дода шудааст.

Зербоби якуми ин боб **“Вазъи маориф”** ном дорад. Муаллиф қайд менамояд, ки дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ дар натиҷаи харобиҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ қисмати зиёди мактабу боғчаҳои навоҳии водии Рашт хароб гардида, вазъи соҳаи маорифро боз ҳам муташанниҷ гардонид. Илова бар ин, аз ҷониби баъзе ашхоси мутаассиб ва гумроҳ, ки зиди таълиму тарбияи дунявӣ буданд, ин амал дидаву دониста ҷорӣ карда мешуд.

Диссертант таъкид менамояд, ки дар минтақаи Рашт кам набуданд ҳолатҳое, ки аз ҷониби ин гуна ашхос мактабҳо баста ва ё ба масҷид табдил дода мешуданд ва хулосабарорӣ менамояд, ки ин раванд барои миллати тамаддунофари тоҷик як “фоҷиаи маънавӣ” буд.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар ин зербоб азнавсозӣ ва сохтмони биноҳои муассисаи таълимӣ, таъмини муассисаҳои таълимии умумӣ бо кадрҳо ва норасоии омӯзгорон дар тамоми навоҳии водии Рашт мебошад.

Муаллифи диссертатсия дар баробари нишон додани фаъолияти муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбии омӯзгорӣ, мушкилот ва сабабҳои паст будани сифатнокии таълиму тарбия ва дониши омӯзгорони ҷавонро мавриди таҳлили чуқур қарор дода, омилҳои сар задани чунин норасоиҳоро баён менамояд.

Хулосаи таҳлилии диссертант он аст, ки норасоии асосии низоми маорифи анқариб ҳамаи навоҳии водии Рашт дар паст будани сатҳи дониши хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии асосӣ мебошад. Омили асосиро

муаллиф дар он мебинад, ки афкору ақидаи иртиҷоӣ ва хурофот, ки ҳоло ҳам ба назар мерасад, нишонаи ин падидаи манфӣ гардида, баъзе аз падару модарон барои таҳсили духтарон дар муассисаҳои миёна ва олии кишвар монеа мешаванд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм - "**Муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ ва нақши онҳо дар боло бурдани фарҳанги аҳолӣ**" - таърихи фаъолияти муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ таҳлил гардидааст.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ новобаста аз вазъи мураккаби солҳои 90-ум аз рӯзҳои аввали истиқлолият ба соҳаи фарҳанг таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешуд. Дар тӯли солҳои 1991-2021 фарҳанг ҳамчун таҷассумгари симои маънавии халқ, муттаҳидсозандаи неруҳои ақлониву зеҳнӣ, баёнгари таърихи гузаштаву муосир, анъанот, одобу аҳлоқи ҳамида ва дигар муқаддасоти миллӣ дар ҷомеа мақоми арзанда касб намуда, бо шарофати сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ, баҳри фароҳам овардани фазои мусоиди меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҷиҳати фаъолияти пурсамари муассисаҳои фарҳангии навоҳии водии Рашт ва ҳаллу фасли маҷмӯи мушкилоти мавҷудаи соҳа як силсила қонун ва барномаҳои давлатӣ ба тасвиб расиданд, ки ба рушду такомули фарҳанги миллӣ такони бузург бахшиданд.

Дар ин зербоб диссертант адабиёт, санъати мусиқӣ, муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ, театр, осорхонаҳо, мероси таърихию фарҳангӣ, васоити ахбори оммаро бо услуби муқоисавӣ, ки яке аз дастоварди муаллиф мебошад, мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода, онро ҳаматарафа таҳлил ва хулосабарорӣ намудааст.

Муаллифи таҳқиқот қайд менамояд, ки водии Рашт зодгоҳи симоҳои машҳури илму адабиёт ва санъату маънавиёти тоҷикон аст. Чандин ҳунармандони мардумие кору зиндагӣ намуда, бо ҳунари волои худ шуҳрати фарҳанги водии Раштро ба зинаҳои баланд бардоштаанд ва таҷрибаи мактаби хешро ба шогирдон омӯзондаанд. Аз ҷумла, Боқӣ

Раҳимзода, Меҳмон Бахтӣ, Акашариф Ҷӯраев, Зафар Нозимов ва даҳҳои дигар.

Дар баробари ин, ба фикри ман, ин афзалияти диссертант ҳам мебошад, нишон додани мушкилоту норасоии соҳа ва роҳи ҳалли ин мушкилот аст. Дар ин самт, диссертант аз ӯҳдаи ин вазифа пурра баромадааст.

Аз тарафи муаллиф маводҳои ҷолиби диққат дар зербоби сеюм - "**Рушди сайёҳӣ, мушкилот ва дурнамои он**" ҷамъ карда шудааст. Дар ин зербоб инкишофи соҳаи туризм ва роҳҳои азбайнбарии мушкилоти соҳа баррасӣ гардидааст.

Диссертант муфассал дар бораи хатсайрҳои сайёҳӣ, мавзеъ ва дараҳои хушманзари Раштонзамин маълумот дода, факту рақамҳои бисёреро оид ба сафари сайёҳон ба ин минтақа, омилҳои афзоиши таваҷҷуҳи сайёҳон, алалхусус, сайёҳони хориҷиро нишон дода тавонистааст.

Ба ақидаи диссертант мушкилии асосии минтақа барои рушди сайёҳӣ, ин набудан ва ё дар ҳолати садамавӣ карор доштани роҳҳо, заминаи заифи инфрасохтори сайёҳӣ ва фарҳангию фароғатӣ (меҳмонхона, осоишгоҳҳо, мавзеъҳои сайёҳӣ, марказҳои фарҳангӣ, мағозаҳо ва ғ.), набудани мутахассисони соҳавӣ ба ҳисоб меравад.

Хулосаи таҳлилии муаллиф дар он аст, ки барои рушди иқтисодии минтақа дар баробари кишоварзӣ ва коркарди канданиҳои фойиданок аз сайёҳӣ низ вобастагӣ дорад. Алалхусус, барои "экотуризм" ва сайёҳии экстремалӣ тамоми имкониятҳо вуҷуд дорад.

Диссертант, ҳангоми навиштани рисолаи диссертатсионӣ, тавонистааст дониши амиқ ва ҳаматарафаро аз рӯи мавзуи интихобкардааш зоҳир намояд, худро ҳамчун муҳаққиқи ташаккулёфта нишон диҳад, мустақилона корҳои илмӣ-таҳқиқотиро пеш барад, эҷодкорона бо сарчашмаҳо корбарӣ намояд, дорои тафаккури таҳлилӣ

буда, истеъдоди аз назари танқидӣ дарк кардани равандҳои таърихиро дорад.

Рисолаи диссертатсионии Махсудов А. М. таҳқиқоти илмии анҷомёфта ҳисобида шуда, норасоии илмиро дар таърихнигории Тоҷикистон пур менамояд ва на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки амалӣ низ дорад.

Маводҳои диссертатсияро барои навиштани асарҳои ҷудогона оид ба таърихи халқи тоҷик, таърихи шаҳру маҳалҳо, хондани курсҳои махсус оид ба фанни кишваршиносӣ, таҳияи барномаҳои алоҳидаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии марбут ба водии Рашт истифода бурдан мумкин аст.

Дар баробари ин, мехостам оид ба баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо, ки дар рафти баррасӣ ва таҳлили рисолаи диссертатсионӣ муайян шудаанд, ибрози андеша кунам:

1) Хуб мешуд, ки агар, дар зербоби 1-и боби 1-и рисола дар бораи вазъи коркарди захираҳои табиӣ ва коргоҳҳои марбут ба ин соҳа маълумоти бештари таҳлилӣ дода мешуд.
2) Дар рисолаи диссертатсионӣ маълумот оид ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва азхудкунии он дар рушди бахшҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа қариб ба назар намерасад.
3) Бобати татбиқи барномаҳои давлатӣ ва қарорҳои Ҳукумати Тоҷикистон нисбати рушди соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва маданӣ-маърифатӣ дар водии Рашт, мушаххасан аз тарафи муаллиф таваҷҷуҳ зоҳир карда нашудааст.
4) Дар матни диссертатсия хатогиҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Аммо, ин эроду норасоиҳо ва камбудиҳо хусусияти принсипиалӣ надошта, аҳаммият ва моҳияти илмии таҳқиқотро паст наменамояд.

Автореферат мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Хулоса, диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи **“Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)”** ба талаботи бандҳои 31-33 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021. № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.


**Мукарризи расмӣ, номзади илмхои таърих,**
**дотсент, мудири кафедраи фанҳои**
**гуманитарӣ-иҷтимоии Донишкадаи**
**кӯҳию металлургии Тоҷикистон Абдуллоев Икром Рабиевич**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бустон,**
**к. А. Баротов 6., тел. 992927555713,**
**E-mail: ikromabdulloev@mail.ru**


Имзои Абдуллоев Икром Рабиевич – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ-иҷтимоии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистонро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрхо ва корҳои**
**махсуси Донишкадаи кӯҳию**
**металлургии Тоҷикистон Сулейманова Назокат Абдусатторовна**

“26” 08 2022 с.